# ХУЛОСАИ

**комиссияи ташхиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Ҳаёзода Қиёмуддин Амонулло дар мавзуи «Самтҳои таъмини устувории фаъолияти бонкҳо дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз)**

Комиссияи ташхисӣ дар ҳайати раиси комисия – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Шарифзода Б.М. аъзоёни комиссия – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Султонов З.С. ва доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ҷурабоев Ғ.Ҷ., ки бо қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 14.12.2024, суратҷаласаи № 93а таъсис дода шудааст, диссертатсияи Ҳаёзода Қиёмуддин Амонулло дар мавзуи «Самтҳои таъмини устувории фаъолияти бонкҳо дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз) баррасӣ намуда, хулосаи зерин баровард:

1. **Муҳиммияти мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити навини муносибатҳои иқтисодию иҷтимоии ҷаҳон таъмини фаъолияти бардавоми бонкҳо яке аз масъалаҳои мураккаби ҳалталаб маҳсуб ёфта, аз ҷониби иштирокдорони он ҷиҳати дар вазъи субот ва рушд қарор додани он, тамоми кушишҳои таъсирбахш сафарбар шуда истодаанд. Бо назардошти ин масоили муҳим мавзуи таҳқиқотии Ҳаёзода Қиёмуддин Амонулло «Самтҳои таъмини устувории фаъолияти бонкҳо дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ» унвон гирифта, бевосита актуали будани масоили зикршударо инъикос менамояд. Муҳаққиқ вазъи хизматрасониҳои бонкҳои тиҷоратии кишварро мавриди таҳлилу баррасии амиқ қарор дода, нақши низоми бонкиро дар таъмини саривақтии аҳолӣ ба воситаҳои молиявӣ ва вобастагии рушди иқтисодиёти миллиро аз фаъолияти онҳо нишон додааст. Ҳамзамон, баҳри рафъи мушкилоти мавҷудаи соҳаи бонкӣ, муҳаққиқ самтҳои таъмини устувории фаъолияти бонкҳоро дар рисолаи илмии худ дарҷ намуда, бар он назар аст, ки истифодаи онҳо метавонанд дар устуворгардонии бонкҳои тиҷоратӣ, кам гардонидани осебпазирии низоми молиявӣ ва беҳ намудани вазъи фарогирии молиявии аҳолиро бо мақсади расидан ба нишондиҳандаҳои стратегии кишвар, таъсири мусбат расонида бошад.

Давра ба давра зиёд намудани сармояи худии бонкҳои тиҷоратӣ ва идораи босамари онҳо яке аз воситаҳои муҳими таъмини ҳолати

устуворӣ дониста шуда, дар зиёд намудани доираи хизматрсаониҳои навини бонкӣ заминагузор мебошад. Солҳои охир шумораи мизоҷони бонкҳои тиҷоратӣ афзоиш ёфта, талаботи онҳо бештар ба бонкҳои устуворy боэътимод, хизматрасониҳои муосир ва аз нигоҳи иқтисодӣ арзон равона шуда истодааст, ки дар ин раванд такягоҳи асосии бонк бевосита ин вазъи устувории молиявии он арзёбӣ мегардад. Истеъмолкунандаи асосии хизматрасониҳои бонкӣ нисбат ба шахсони ҳуқуқӣ, ин шахсони воқеӣ буда, метавонанд бо дониши кофии молиявии *худ хатарҳои номуайяни пайдошавандаи молиявиро* бартараф ва фаъолияти мусбати бонкҳоро боз ҳам таъмин намуда бошанд. Бинобар ин, дар мавриди баланд бардоштани дараҷаи касбияти мутахассисони низоми бонкӣ ва ташкили курсу семинарҳои саривақтии фаҳмондадиҳӣ дар байни аҳолии тамоми минтақаҳои кишвар, ин нишонаи фаъолияти босамари бонкҳо маҳсуб ёфта, дар таъмини устувории молияии бонкҳои тиҷоратӣ ва ба амал наомадани шароити норасоиии захираҳои молиявӣ нақши калидиро мебозанд.

2. Диссертатсия тибқи талаботи банди 61 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) мутобиқ буда, дар кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ иҷро гадрдидааст. Диссертатсия дар кафедраи мазкур муҳокима ва барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шудааст.

3. Хулоса дар кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ қабул гардида, баҳои объективонаи диссертатсияро дар бар гирифта, мусбӣ мебошад.

4. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33 ва 34 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои таҳқиқшаванда дар соҳаи молия, муомилоти пул ва қарз ба шумор меравад, ки он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

5. Мавзӯъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз), ки вобаста аз он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03-юми декабри соли 2021, №349 ҳуқуқи қабул ва баррасии диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 ноябри соли 2021, № 9 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

6. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот 10 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми 4,6 ҷузъи чопӣ (аз ҷумла 4,0 ҷузъи чопӣ аз муаллиф), аз онҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

7. Дар диссертатсияи Ҳаёзода Қиёмуддин Амонулло истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани талаботи банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Асолати матни автореферати диссертатсия 80,28 % ва диссертатсия 85,02 % аз ҳаҷми умумии кор ифода мекунад, ки бо маълумотнома тасдиқ карда шудааст. Иқтибосҳо ба расмият даровада шуданд.

8. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Ҳаёзода Қиёмуддин Амонулло маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи унвонҷӯ чопнагардида мавҷуд нест.

9. Мутобиқи бандҳои 62-63-и Низомномаи шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва бандҳои 67, 69, 74 ва 75 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ба ухда гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Ҳаёзода Қиёмуддин Амонулло дар мавзуи «Самтҳои таъмини устувории фаъолияти бонкҳо дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз) ба шурои диссертасионии 6D.KOA-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмии диссертатсияи мазкур шахсони зерин муқаррар карда шаванд:

- **Ҳикматов Умедҷон Сафаралиевич** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

- **Исмоилова Шаҳноз Шавкатовна** – номзади илмҳои иқтисодӣ, мувоини директори департаменти қарздиҳии Корхонаи воҳиди давлатии

Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон “Амонатбонк”.

Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон муқаррар карда шавад.

3. Барои нашри эълони ҳимояи диссертатсия, ҷойгир намудани автореферат ва ҳуҷҷатҳо дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

4. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
узви шурои диссертатсионӣ Шарифзода Б.М.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Султонов З.С.

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Ҷурабоев Ғ.Ҷ

03.01.2025